# Х У Л О С А И

Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Хулоса оид ба натиҷаи чорабинии аудиторӣ вобаста ба баҳодиҳии ҳисоботи солонаи маҷмӯии иҷрои буҷети маҳаллии ноҳияи Дарвоз дар солҳои 2024-2025

**1.** Хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти моддаҳои 1, 7, 27, 28 ва 41 Қонун “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва моддаи 65 Қонун “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз рӯйи таҳлили нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Дарвоз дар солҳои 2024 - 2025, чорабинии аудитории анҷомдодашуда дар Раёсати Вазорати молия ва Нозироти андози ноҳия вобаста ба баҳодиҳии ҳисоботи солонаи маҷмӯии иҷрои буҷети маҳаллӣ ва аз натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ дар ташкилоту муассисаҳои буҷетии ноҳия дар солҳои 2024-2025, омода гардидааст.

**2.** Дар соли 2024 нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии ноҳияи Дарвоз мусбӣ арзёбӣ гардида, маҷмӯи маҳсулоти минтақавии ноҳия ба 221,2 млн сомонӣ баробар ва афзоиши он 55,9 фоизро ташкил намудааст.

2.1. Тайи давраи зикршуда, маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар умум афзоиш ёфта, истеҳсоли махсулоти кишоварзӣ 84,7 млн сомонӣ ё 5,3 фоиз, савдо 13,8 млн сомонӣ ё 11,2 фоиз, сохтмон 17,1 млн сомонӣ ё 1,6 баробар, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 78,3 млн сомонӣ ё 1,5 баробар ва хизматрасонии пулакӣ 27,3 млн сомонӣ ё 45,4 фоиз зиёд гардидааст.

2.2. Дар соли 2025 бошад нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии ноҳия коҳиш ёфта, маҷмӯи маҳсулоти минтақавии ноҳия 218,5 млн сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2024 ба андозаи 1,2 фоиз кам мебошад.

2.3. Дар ин давра маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар баъзан соҳаҳо афзоиш ёфта, дар дигар самтҳо нисбтан кам гардидааст. Аз ҷумла, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 93,3 млн сомонӣ ё 10,2 фоиз, савдо 14,7 млн сомонӣ ё 6,5 фоиз зиёд ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 74,9 млн сомонӣ ё 4,3 фоиз, хизматрасонии пулакӣ 21,7 млн сомонӣ ё 20,5 фоиз ва сохтмон 13,9 млн сомонӣ ё 18,7 фоиз нисбат ба соли қаблӣ кам гардидааст.

**3.** Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Дарвоз барои солҳои 2021-2025” дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 28 апрели соли 2020, №152 тасдиқ гардидааст.

3.1. Барнома аз 106 лоиҳа иборат буда, арзиши умумии лоиҳаҳои он ба маблағи 405,2 млн сомонӣ, аз ҷумла аз буҷети ҷумҳуриявӣ 26,8 млн сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 5,6 млн сомонӣ, маблағҳои худии ташкилоту корхонаҳо 4,9 млн сомонӣ, бахши хусусӣ 3,1 млн сомонӣ ва аз ҳисоби шарикони рушд 364,8 пешбинӣ гардидааст.

3.2. Дар давоми солҳои 2021-2025 66 лоиҳа ба маблағи 768,4 млн сомонӣ ва ё 189,6 фоизи маблағҳои нақшавӣ таъмин гардидааст, ки дар таркиби он аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 5,7 млн сомонӣ ё (16,8%), буҷети вилоятӣ 2,7 млн сомонӣ (57,7%), буҷети ноҳия 0,4 млн сомонӣ (55,2%), бахши хусусӣ 6,7 млн сомонӣ (82,7%) ва шарикони рушд 752,9 млн сомонӣ (206,2%) рост меояд.

**4. Буҷети маҳаллии ноҳияи Дарвоз** барои соли 2024 дар асоси қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 14 декабри соли 2023, №512 аз рӯйи даромад бо назардошти субвенсия 40044,6 ҳазор сомонӣ, хароҷот ба маблағи 40401,0 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет 356,4 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шудааст.

4.1. Дар раванди иҷрои буҷети ин давра тариқи ҳисоби байниҳамдигарӣ аз буҷети сатҳи дигар 5563,7 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллии ноҳия ворид гардидааст.

4.2. Ҳамин тариқ, қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳия дар соли 2024 бо назардошти тағйиру иловаҳои воридшуда ба маблағи 45608,3 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он маблағи 42829,4 ҳазор сомонӣ ё 93,9 фоизро ташкил намудааст, ки нисбати нақшаи аниқшуда 2778,9 ҳазор сомонӣ маблағҳо кам ворид гардидааст.

4.3. Дар ҳаҷми умумии иҷрои қисми даромади буҷети маҳаллӣ ҳиссаи воридоти маблағҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ 26978,6 ҳазор сомонӣ ё 63,0 фоиз, мусоидати молиявӣ (субвенсия) 10287,1 ҳазор сомонӣ ё 24,0 фоиз ва маблағҳои ба тариқи ҳисоббаробаркунӣ ҷудогардида 5563,7 ҳазор сомонӣ ё 13,0 фоизро ташкил намудааст.

4.4. Дар соли 2024 нақшаи воридоти маблағҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ ба маблағи 26978,6 ҳазор сомонӣ ё 92,1 фоиз таъмин гардида, нисбат ба нақшаи аниқшуда ба буҷет 2310,4 ҳазор сомонӣ кам ворид гардидааст.

4.5. Дар раванди иҷрои буҷети ин давра тариқи ҳисоби байниҳамдигарӣ аз буҷети сатҳи дигар 5563,7 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллии ноҳия ворид гардидааст.

4.6. Дар ин давра нақшаи андоз аз захираҳои табиӣ ба қадри 76,5 фои иҷро гардидааст, ки аз иҷрои нопурраи ин намудани андоз, дар маҷмуъ ба буҷети маҳаллӣ маблағи 3445,3 ҳазор сомонӣ ворид нагардидааст.

4.7. Дар давоми соли 2024 нақшаи маблағҳои мақсаднок аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба қадри 95,6 фоиз таъмин гардида, ба буҷети маҳаллӣ 468,5 ҳазор сомонӣ аз ин ҳисоб кам ворид гардидааст.

***5. Қисми хароҷоти буҷети ноҳия дар соли 2024*** ба маблағи 40401,0 ҳазор сомонӣ ва бо дар назар доштани тағйиру иловаҳои воридгардида 46293,6 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он 43689,9 ҳазор сомонӣ ё 94,4 фоизи нақшаи аниқшударо ташкил намудааст, ки нисбати нақшаи тасдиқшуда 3288,9 ҳазор сомонӣ зиёд ва нисбати нақшаи аниқшуда 2829,6 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

5.1. Дар таркиби хароҷотҳои умумии буҷети ноҳия хароҷотҳои ҷорӣ 43464,0 ҳазор сомонӣ ё 99,5 фоиз, маблағҳои равонашуда ба буҷети ҷумҳуриявӣ 92,8 ҳазор сомонӣ ё 0,2 фоиз, маблағҳои равонакардашуда ба "Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт" 115,8 ҳазор сомонӣ ё 0,3 фоиз ва ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои

маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ 17,4 ҳазор сомониро ташкил намудааст.

5.2. Дар таркиби хароҷотҳои ҷории буҷети ноҳия ҳиссаи асосии маблағгузориҳоро музди меҳнат ва пардохтҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ташкил намуда, ба ин мақсад 37611,9 ҳазор сомонӣ ё 86,5 фоизи хароҷотҳои ҷории буҷет равона карда шудааст.

5.3. Маблағгузории моддаҳои дигари ҳимояшавандаи хароҷот, аз ҷумла пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ 1470,3 ҳазор сомонӣ ё 88,0 фоиз, кумакпулиҳо 33,7 ҳазор сомонӣ ё 100,0 фоиз ва ҷубронпулиҳо 4,5 ҳазор сомонӣ ё 73,8 фоиз нисбати нақшаи аниқшуда иҷро гардидааст.

**6. Буҷети маҳаллии ноҳияи Дарвоз** барои соли 2025 дар асоси қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 26 декабри соли 2024, №178 аз рӯйи даромад ба маблағи 53166,2 ҳазор сомонӣ, хароҷот ба маблағи 53878,0 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет 711,8 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шудааст.

6.1. Дар таркиби даромадҳои умумии буҷети ноҳия даромадҳои худии буҷети маҳаллӣ 35158,7 ҳазор сомонӣ ё 66,1 фоиз ва маблағҳои мақсаднок (субвенсия) 18007,5 ҳазор сомонӣ ё 33,9 фоизро ва ташкил додааст. Дар раванди иҷрои буҷети соли 2025 ба буҷети маҳаллии ноҳия 3573,5 ҳазор сомонӣ маблағҳо ба тариқи ҳисоббаробаркунӣ ворид шудааст.

6.2. Қисми даромади буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби даромадҳои худӣ маблағи 35158,7 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он 35397,2 ҳазор сомонӣ ё 100,7 фоизро ташкил додааст, ки нисбати нақша 238,5 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Нақшаи мусоидати молиявӣ (субвенсия) маблағи 18007,5 ҳазор сомониро ташкил дода, иҷрои он 17467,6 ҳазор сомонӣ ё 97,0 фоиз таъмин гардидааст, ки нисбати нақша 539,9 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

6.3. Ҳамин тариқ, нақшаи қисми даромади БМ дар соли 2025 бо назардошти тағйиру иловаҳои воридшуда ба маблағи 56739,8 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он маблағи 56438,3 ҳазор сомонӣ ё 99,5 фоизро ташкил намудааст, ки нисбати нақшаи аниқшуда 301,5 ҳазор сомонӣ ё 0,5 фоиз маблағҳо кам ворид гардидааст.

6.4. Дар соли 2025 нақшаи воридоти маблағҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ 100,7 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 35397,2 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбати нақшаи аниқшуда 238,5 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

**7. Қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ дар соли 2025** бо дар назар доштани тағйиру иловаҳои воридгардида маблағи 57454,8 ҳазор сомониро ташкил намуда, иҷрои он 55940,3 ҳазор сомонӣ ё 97,4 фоизи нақшаи аниқшударо ташкил намудааст, ки нисбати нақшаи тасдиқшуда ба маблағи 2062,3 ҳазор сомонӣ зиёд ва нисбати нақшаи аниқшуда 1514,5 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

7.1. Дар таркиби иҷрои хароҷотҳо 55729,7 ҳазор сомонӣ ё 99,6 фоизро хароҷотҳои ҷорӣ ва баргардонидани маблағҳо ба буҷети ҷумҳуриявӣ 210,6 ҳазор сомонӣ ё 0,4 фоизро ташкил намудааст.

7.2. Маблағгузории бахшҳои иҷтимоӣ 48628,7 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, дар рафти иҷрои буҷет нақшаи хароҷотҳо 2915,7 ҳазор сомонӣ зиёд карда шудааст. Иҷрои он 50151,7 ҳазор сомонӣ ё 90,0 фоизи хароҷоти ҷории буҷети ноҳияро ташкил намуда, нисбати нақшаи тасдиқшуда 1523,0 ҳазор

сомонӣ ё 3,1 фоиз зиёд ва нисбати нақшаи аниқшуда 1392,8 ҳазор сомонӣ ё ба қадри 2,7 фоиз кам маблағгузорӣ гардида, 63,2 фоизи маблағҳои равонашудаи буҷети маҳаллӣ ба рушду тараққиёти бахши маориф ва 22,1 фоиз ба бахши тандурустӣ рост меояд.

7.3. Иҷрои хароҷотҳои музди меҳнат ва пардохтҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ 49234,0 ҳазор сомонӣ ё 98,1 фоизи нақшаи аниқшуда таъмин гардидааст, ки баробар ба 88,3 фоизи хароҷоти ҷории буҷети ноҳия мебошад.

7.4. Маблағгузории моддаҳои дигари ҳимояшавандаи хароҷот, аз ҷумла пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ 1584,0 ҳазор сомонӣ ё 92,9 фоиз, кӯмакпулиҳо 7,1 ҳазор сомонӣ ё 94,6 фоиз ва ҷубронпулиҳо 8,4 ҳазор сомонӣ ё 100,0 фоиз нисбати нақшаи аниқшуда иҷро гардидааст.

**8.** Нақшаи аниқшудаи қисми даромад ва хароҷоти маблағҳои махсус барои солҳои 2024 - 2025 мутаносибан 681,4 ҳазор сомонӣ ва 884,1 ҳазор сомониро ташкил дода, иҷрои он аз рӯйи даромад мутаносибан 332,7 ҳазор сомонӣ ё 48,8 фоиз ва 526,8 ҳазор сомонӣ ё 59,6 фоиз ва аз рӯйи хароҷот мувофиқан 337,2 ҳазор сомонӣ ё 49,5 фоиз ва 463,3 ҳазор сомонӣ ё 52,4 фоиз таъмин карда шудааст.

**9.** Қарзи дебитории ташкилоту муассисаҳои буҷетии ноҳия ба ҳолати 01 январи соли 2025 маблағи 57,3 ҳазор сомониро ташкил дода, ба ҳолати 01 январи соли 2026 нисбат ба аввали соли қаблӣ 12,5 ҳазор сомонӣ зиёд гардида, маблағи 69,8 ҳазор сомониро ташкил додааст.

9.1. Қарзи кредитории ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ба ҳолати 01 январи соли 2025 маблағи 200,6 ҳазор сомониро ташкил дода, ба ҳолати 01 январи соли 2026 ба қадри 16,2 ҳазор сомонӣ зиёд гардида, маблағи 216,8 ҳазор сомониро ташкил додааст.

**10.** Ба истисноии таъсири камбудию норасоиҳои пешбинишудаи хулосаи мазкур, ҳисоботи буҷетӣ, ҳисоботҳои молиявии маҷмӯӣ, ҳисоботҳои молиявӣ ва дигар ҳисоботҳо барои солҳои молиявии 2024- 2025 шартан мусбӣ арзёбӣ карда шуд. Инчунин фаъолият, амалиёт ва маълумотҳои молиявӣ вобаста ба тамоми масъалаҳои муҳим, ки дар ҳисоботи молиявӣ инъикос карда шудаанд, ба истисноии ҳолатҳои дар боло зикршуда ба меъёру талаботи муқарраршуда мутобиқат доранд.

Сараудитор Ҳасанзода А.